**Тақриз**

ба диссертатсияи Олимов Тағойбек Шодиевич дар мавзўи «Афкори педагогии мутафаккиронихалки тоҷик ва нақши он дар ташаккули арзишҳои оиладорӣ (дар мисоли осори Унсурулмаолии Кайковус ва Муҳаммад Ғаззолӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рўи ихтисоси 13.00.01 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) пешниҳод мегардад.

Дар шароити ҷаҳонишавии Ҷумхурии Тоҷикистон табдили ҳамаи ҷамбаҳои ҷомеа пеш меояд. Аз ҷумла раванди иҷтимоӣ-сиёсӣ ва фарҳангӣ-иқтисодӣ, ки Тоҷикистонро барои нақшофарии арзандаи иқтисодӣ ва иҷтимоӣ-иқтисодӣ роҳнамоӣ меварзад. Бинобар ҳамин проблемаҳои такмили раванди таҳсилот, тарбияи насли наврас ва мушаххаскунии мақоми оила дар ин ҷода барои ҷомеа ниҳоят муҳити стратегӣ пайдо менамояд.

Дар мувофиқа ба давру замони таърихӣ, ташаккул ва табдили муносибатҳои ҷомеа дар низоми фаъолият ба таълиму тарбия рабтнок масъалаҳои нав ва баъзан ниҳоят гунгунпаҳлў пеш меоянд, ки ин ниҳодҳои масъули тарбияи насли наврас, аз ҷумла оила ва масъулони муассисаҳои таҳсилот ва маъорифро водор месозад, дар мувофиқа бо талаботи замон тадбирҳои мушаххас андешанд.

Айни замон, ки давраҳои пешини таърихи башар бо хусусиятҳои ҷаҳонишавии фарҳангу маориф ва фазои ягонаи итилоотӣ фарҳангӣ дорад, зарурати дарёфт, ҷустуҷў ва таҳқиқи тарзу воситаҳои навину ташаккулёфта ва пурсамари таъсирбахшӣ ба тафаккуру андешаҳои мардум махсусан, насли наврасро тақозо менамояд. Дар ин ҷода оила ва раванди тарбияи оилавӣ низ истисно нест.

Бояд гуфт, ки дар ҷараёни тарбияи насли наврас зарурати истифодаи афкору андешаҳои таълимоту тамоилҳои педагогие лозим аст, ки пайванди маънавию ахлокии наслҳоро пеши назар оварем, дорои нуфузи миллӣ ва дар ҳамин замина арзишҳои умумибашарӣ робитаи зишту амиқи таърихӣ ва омезиши устувор дошта бошанд.

Дар ҳамин радиф Асосгузори сулҳу ваҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон хеле бомаврид қайд намуддан, ки «Бешак, тамоми осори гаронбаҳои аз ниёгон то ба имрўз расида асрҳои аср ҳамчун мамбаи бузурги таълиму тарбия боқӣ мемонад ва ҳеҷ гоҳ намегузорад ин миллати соҳибтамаддуни тоҷик ба заволи маънавӣ рў ба рў гардад».

Бо гузашти замон анъанаву суннатҳои ахлоқиву тарбиявии гузаштагони мо барои пайванди арзишҳои нави маънавии насҳои наврас заминаи устувор меоварад.

Аз ин рӯ, бо дарназардошти хусусиятҳои навгонӣ ислоҳоти тамоми марҳалаҳои таҳсилоти ватанӣ омӯзиши ҳаматарафаи арзёбии воқеӣ ва истифодаи таҳқиқотҳои афкори таърихию педагогии ниёгон, дар он мақоми ниҳояти тарбиявии оила, мароми оила дар ташаккул ва такмили арзишҳои оиладорӣ нақши намоён дорад пеш меояд. Аз ин рӯ, мубрамияти мавзӯъ шубҳае надорад.

Проблемаи бунёди оилаи солим, мақом ва масъулияти волидайн дар таълиму тарбияи фарзандон ташаккул ва такмили арзишои оиладорӣ дар осори гаронбаҳои мутафаккирони асрҳои XI-и халқи тоҷик аз ҷумла «Қобуснома»-и Унсурулмаолии Кайковус, «Кимиёи Саодат» ва «Насиҳат-ул-мулук»-и Абуҳомид Муҳаммад ибини Муҳаммади Ғаззолии Тусӣ мақоми намоён дорад, унвонҷӯ масъалагузорӣ намудааст.

1. Унвонҷӯ мавриди таҳлили сарчашмаҳо ва коркарди мавзӯъ чунин мухолифатҳоро ҷудо менамояд:

- миёни нерӯи бузурги мероси пурғановати педагогии мутафаккирони халқи тоҷики асри XI оид ба арзишҳои оиладорӣ, афзудани талабот ба оилаи муосир зимни ташаккули чунин арзишҳо;
- зиддият миёни равандҳои доимвусъатёбандаи ҷаҳонишавӣ ва буҳрони шадиди демографӣ, ки пайваста ба пойдории оилаи муосир хатар эҷод мекунад ва мавҷуд намудани консепсияи илман асосноки арзишҳои ҷомеаи муосири Тоҷикистон мебошад.

2. Муҳақиқ ҳалли фасли мухолифат омилҳои асосии такягоҳро муайян намуд, ки аз инҳо иборатанд:

- мазмун ва мундариҷаи ғояҳои педагогии мутафаккирони асри XI-и халқи тоҷик дақиқ карда шавад;
- ҷойгоҳи арзишҳои оиладорӣ дар низоми ғояҳои педагогии мутафаккирони асри XI-и халқи тоҷик муайян карда шавад;
- роҳу воситаҳои татбиқи арзишҳои оиладории мутафаккирони асри XI-и халқи тоҷик дар раванди тарбияи оиладории муосири тоҷик коркард карда шавад;
- истифодаи технологияи педагогии коркардашуда барои ташаккул ва беҳдошти оиладории муосири тоҷик озмоиш карда шавад;
- барои тарбияи оилавии наврасону ҷавонон маҷмуи меъёрҳо ва нишондиҳандаҳои маънавӣ-педагогӣ муайян карда шавад.

3. Дар натиҷаи дарёфти мақому мароми омилҳои такягоҳ масъалаҳои ҳаллашон зарурро таҳрезӣ менамояд, ки инҳоянд:

- ошкор намудани мазмун ва мундариҷаи ғояву ақидаҳои педагогии мутафаккирони халқи тоҷики асри XI;
- таҳлил ва муайян намудани ҷойгоҳи маҷмуи арзишҳои оиладорӣ дар ғояву ақидаҳои педагогии мутафаккирони тоҷики асри XI;
- баррасии роҳу воситаҳои амалисозии арзишҳои оиладории мутафаккирони тоҷики асри XI дар бунёди оилаҳои солими муосир;

- санчидани технологияи педагогии амалисозии арзишҳои оиладории мутафаккирони асри XI-и халқи тоҷик дар раванди бунёди оилаҳои намунавии муосир.

4. Унвонҷӯ дар натиҷаи таҳлили назариявӣ ва баргузоркунии озмоиши педагогӣ дастовардҳои нави илмиро ноил гардидааст, ки инҳоянд:

- мазмун ва мундариҷаи ғояву ақидаҳои педагогии мутафаккирони асри XI-и халқи тоҷик аниқ карда шуд;

- ҷойгоҳи арзишҳои оиладорӣ дар ғояву ақидаҳои педагогии мутафаккирони асри XI-и халқи тоҷик муайян карда шуд;

- роҳу воситаҳои истифодаи арзишҳои оиладории мутафаккирони асри XI-и халқи тоҷик дар бунёди оилаҳои солими муосир коркард карда шуд;

- шароитҳои педагогии татбиқи афкори педагогии мутафаккирони асри XI-и халқи тоҷик оид ба арзишҳои оиладорӣ дар низоми муосири тарбияи оилавӣ ва таҳсилот тавассути озмоиш муайян карда шуданд.

5. Дастовардҳои муҳақиқ боиси аҳамияти назариявию амалии зерин гардидаанд:

- муқарраროти назариявии таҳқиқот ва натиҷаву хулосаҳои он барои омӯзиши минбаъдаи проблемаи бағоят муҳими иҷтимоии ҷомеаи муосири тоҷик - ташаккули арзишҳои оиладорӣ, бунёди оилаи солим заминаи воқеии иттилоотии арзишманди илмиро фароҳам меорад;

- хулосаву пешниҳодҳои илмии диссертатсия барои баланд бардоштани сатҳу сифати салоҳиятнокии фаъолияти падару модарон дар таълиму тарбияи фарзандон ва раванди иҷтимоишавии онҳо дар оила мусоидат намуда, дар мавриди зарурати таҷдиди назар ва такмил мундариҷаи «Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «Консепсияи рушди оила дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»-ро бо ғояҳои нави илман асоснок ғанӣ мегардонад;

- доираи тасаввуроти назариявиро оид ба моҳияти аслии арзишҳои оиладорӣ, ки бо арзишҳои умумибашарӣ ва этнофарҳангӣ тавъам мебошанд, васеъ мегардонад;

- педагогикаи тоҷик бо консепсияи муосир ва амсилаи нави педагогии «Ташаккули арзишҳои оиладорӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ» ғанӣ мегардад;

- маводи илмӣ ва натиҷаҳои таҳқиқот барои омӯзиши минбаъдаи таърихи афкори педагогии ниёгони халқи тоҷик, хондани лексияҳо, таҳияи китобҳои дарсӣ, дастурҳои таълимӣ-методӣ, курсҳои махсус, хрестоматияҳо оид ба маърифати оиладорӣ, ташаккули арзишҳои муосири оиладорӣ, педагогикаи иҷтимоӣ, педагогикаи оилавӣ, сотсиологияи оила ва таърихи педагогика истифода бурдан мумкин аст.

Ғояҳои асосӣ, хулоса, ва тавсияву пешниҳодҳои таҳқиқотро омӯзгорони муассисаҳои тамоми зинаҳои таҳсилот, мураббиён, падару модарон дар фаъолияти таълимию тарбиявӣ, инчунин муҳаққиқоне, ки ба омӯзиши таърихи афкори педагогӣ, нақш ва ҷойгоҳи оила дар таълиму тарбия машғуланд, дар раванди пажуҳишҳои оянда истифода бурда метавонанд.

Бояд гуфт, ки кори таҳқиқотии Олимов Тағойбек Шодиевич аз диди мантиқӣ, қолаби илмӣ ва сохтораш мувофиқат намуда, диссертатсияи мустақилона ба анҷомрасида мебошад.

Дар баробари он қайд намудан ҷоиз аст, ки зимни омода намудани рисолаи илмӣ баъзе норасоиҳо ба назар мерасад, то ҳадди ақал мехостам ислоҳ намоянд:

1. Матни рисола аз хатогиҳои техникӣ ва услубӣ холӣ нест.

2. Матни рисоларо бо самтҳои ҷаҳонишавӣ нигарон намудан беҳтар мешуд.

3. Сарчашмаҳои истифодашударо комилтар гардонида, ба талаботҳои навин мувофиқ кардан лозим аст.

4. Мувофиқати матни диссертатсия ва автореферaтро тачдиди назар кардан лозим аст.

Камбудиҳои номбурда ислоҳшаванда буда, онхо арзиши илмии рисоларо аз диди илмӣ паст намекунанд.

Хулоса, кори диссертатсионии Олимов Тағойбек Шодиевич дар мавзуи “Афкори педагогии мутафаккирони халқи тоҷик ва нақши он дар ташаккули арзишхои оиладорӣ (дар мисоли осори Унсурулмаолин Кайковус ва Муҳаммад Ғаззолӣ)” таҳқиқоти илмии баанҷомрасида буда, он ҷавобгуй ба талаботҳои низомномаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба иҷрои корҳои диссертатсионӣ барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) мувофиқ аст, онро барои ҳимоя пешниҳод карда мешавад.

**Муқарриз**
номзади илмҳои педагогӣ,
мудири кафедраи педагогикаи умумии
МДТ “ДДХ ба номи Б.Ғафуров”, дотсент Ш. Кучибоев

***Имзои Ш.Кӯчибоевро тасдиқ мекунам.***

Сардори РК ва КМ МДТ
“Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи
академик Бобоҷон Ғафуров” **Наврузов Э.**

**Маълумот барои тамос:**
гузаргоҳи Мавлонбеков 1. 735700, ш. Хуҷанд,
Тел: (+992) 92 823-33-78; kuchiboev1975@mail.ru